# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)-ш. Душанбе, 2026 с.,190 с.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рузи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; банди 4.3. - Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; банди 4.6. - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва давраҳои синну солӣ мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуъ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Яҳёзода Ғолиб Яҳё ба яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи таҳсилоти томактабӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди ҷомеа баланд бардоштани маърифати экологии аҳли ҷомеа дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла аз зинаи поёнӣ – синну соли томактабӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз, дар ҳамин зина заминаи саводнокии экологии кӯдакон, шуури экологӣ ташаккул ёфта, муносибати арзишманд ба табиат ва фарҳанги экологӣ рушд менамояд.

Дар рисолаи илмии Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» масъалаи мазкур мавриди таҳқиқот қарор ёфта, қайд мегардад, ки махсусан, муассисаи таълимии томактабӣ барои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ шароити мусоидро фароҳам меорад. Муҳаққиқ бамаврид қайд менамояд, ки ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ маълумотро дар бораи ҳифзи муҳити зист таъмин намуда, ба онҳо имкон медиҳад,

ки дар раванди ҳифзи муҳити зист, махсусан табиати Тоҷикистон фаъолона иштирок намоянд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун масъалаи асосии педагогӣ худ як амали мақсаднок дар ин самт ба шумор меравад ва таъмини шароитҳои педагогӣ дар МТТ бо роҳу усулҳои гуногун барои ташаккули маърифати экологии кӯдакон мусоидат мекунанд.

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, интихоби мавзуи интихобнамудаи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Точикистон» мубрам буда, ба кушода додани масъалаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани шароитҳои педагогии коркарди роҳу усулҳои шинос намудани онҳо бо табиати Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои педагогӣ муҳим ва босамар мебошад.

**1. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии аз он иборат аст, ки муаллиф як қатор масъалаҳои муҳим марбут ба мавзуи илмиро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муҳим омадааст, аз ҷумла:

- роҳ, усул ва воситаҳои самарабахши таъсиррасонӣ ба раванди ташаккули маърифати экологӣ дар синни калони томактабӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии педагогӣ ҳамаҷониба таҳлил гардиданд;
- шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ дар ҳамкорӣ бо МТТ бо оила мавриди истифода крор ёфтанд;
- мавриди истифодаи барномаи кории «Табиат хонаи мост», Қадамҳои аввалин ба олами экология», бо назардошти ҳамгироии машғулиятҳои таълимӣ, сайругашт, саёҳат ба табиати Тоҷикистон бо истифода аз асарҳои адабиёти бадеӣ, бозиҳои миллӣ, одату анъанаҳо маълумотҳои нави сифатӣ ва миқдории таҷрибавӣ ба даст оварда шуданд;
- натиҷаҳои таҳқиқот минбаъд дар таҳияи барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ оид ба тарбияи экологӣ дар МТТ мавриди истифода қарор меёбанд.

**Аз ин лиҳоз, муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:**

1. Масъалаи актуалӣ оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Точикистон таҳқик мегарданд;

2. Барои ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муносибати эҳтиёткорона ва эҳтиромона зоҳир намудан ба муҳити зист, риоя кардани меъёрҳои ахлоқӣ дар раванди муносибат бо табиат шароитҳои педагогӣ дар МТТ таъмин мегардад;

3. Амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон», ки аз ҷузъҳои - рушди маърифатӣ, рушди зеҳнӣ, эҳсосию арзишмандӣ ва рушди муошират ва эҷодкорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ иборат аст, дар хамкории МТТ бо волидон татбиқ мегардад.

4. Таъкид мешавад, ки натиҷаҳои қисми озмоиши асосии таҳқиқот самаранокии истифодаи шароитҳои педагогӣ, амсилаи коркардшуда ва барномаи озмоиширо дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистонро тасдиқ мекунанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфтаро бо муқаррароти дар раванди таҳқиқоти** докторант Яҳёзода Ғолиб Яҳё роҳу воситаҳо, шаклу усулҳои муносиби корро ҷиҳати асосноккунии истифодаи шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон бо асоснокккунии таҳлилу омӯзиши маводи зиёди таҳқиқотӣ, аз ҷумла сарчашмаҳои таълимию методӣ ва методҳои коркарди оморӣ истифода намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар дарки амиқ ва ҳамаҷонибаи мазмуни «таълими экологӣ» ва «маърифати экологӣ» мебошад. Ҷузъҳои маърифати экологӣ дар заминаи ошноӣ бо муҳити табиати Тоҷикистон омӯхта шуданд. Дар рисола шарҳҳои гуногуни мафҳумҳои «дониши экологӣ», «фарҳанги экологӣ», «маданияти экологӣ» ва «маърифати экологӣ» баррасӣ ва пешниҳод карда мешаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад камбудиҳои мавҷударо дар масъалаҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро пурра кунад. Аҳамияти амалӣ дар таҳия ва татбиқи шароитҳои мушаххаси педагогӣ, ки ба инкишофи донишҳои экологӣ ва ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми шиносоӣ бо табиати диёри худ нигаронида шудаанд, ифода меёбад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳаҷми кор аз 190 саҳифа иборат буда, дар он 10 расм, 7 ҷадвал, 5 диаграмма ва 4 нақша ҷой дода шудаанд.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети тахқиқ, навигариҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Муаллиф дар боби якум «Асосҳои назариявии тарбияи асосҳои экологии кӯдакон дар муассисаи таълимии томактабӣ»** адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба масъалаи тарбияи экологии насли наврас таҳлил намудааст, ки дар даврони истиқлолияти кишвар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул ва амалӣ гардиданд, ки барои ҳифзи муҳити зист ва шароити мусоиди зиндагии мардум заминаи устувор фароҳам оварданд. «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди маърифати экологӣ ва баланд бардоштани маърифатнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳамаҷониба ба тарзи нави зиндагии ҷомеа, беҳбудии вазъи экологӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои аҳолии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мебошад.

Ба ақидаи муаллиф имрӯзҳо дар табиат офатҳои табиӣ зуҳур мекунанд, ки инсоният наметавонад ба онҳо муқобилат кунад. Гарчанде, ки як вақтҳо ба кӯдакон оддитарин қоидаҳои рафторро дар табиат меомӯхтанд, вале имрӯз вазифа аз он иборат аст, ки на танҳо фаҳмонидани қоидаҳои «чӣ хуб асту чӣ бад аст» фаҳмонида шавад. Вазифа имрӯз маҳз дар гузоштани «асосҳои фарҳанги экологӣ», хоҳиши ёрӣ расондан ба кӯдакон дар фаҳмидани зарурият ва сари вақт андешидани чораҳои дуруст нисбат ба объектҳои табиат мебошад.

Диссертант иброз медорад, ки мақсади муносибати ба шахс нигаронидашуда ҳамеша ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ ва ҷаҳони ботинии (психологии) кӯдак буд. Татбиқи он дар таълими экологӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки далелҳои воқеии рӯйдодаро дарк кунанд. Дар баробари ин, бо камоли боварӣ гуфта метавон, ки тамоми дониш як қисми томи таҷрибаи бачаҳо мегардад. Ҳамкории мураббия ба шогирд дар кӯдакон инсондӯстӣ, ҳамдардӣ ва амсоли инҳоро тарбия мекунад, ки ҳисси ватандӯстию масъулиятшиносиро нисбат ба ҳодисаҳои руйдода бедор мекунад.

Аз нуқтаи назари муҳаққиқ Яхёзода Ғолиб Яхё ташаккули тарбияи экологӣ дар шуури кӯдакон, хусусан, кӯдакони муассисаҳои таълимӣ аз равандҳои педагогӣ, аз ҷумла, расонидани фаҳмишҳои дурусти табиатдӯстдорию зебоипарастӣ дар кӯдакону наврасон тавассути машғулиятҳо ва экскурсияҳо, машғулиятҳои тарбиявӣ, озмунҳои рассомӣ, инчунин, чорабиниҳо дар фазои табиат ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои томактабӣ бо ворид кардани ҳама гуна маълумот ба бозиҳо, экскурсияҳо, суҳбат ва чорабиниҳои асосии

таҳқиқотӣ метавонад дар кӯдак малакаҳои асосии рафтор дар муҳити зистро тарбия намояд. Ғайр аз ин, чунин фаъолиятҳо метавонанд ба кӯдакон ба фаҳмидани принсипҳои муносибати оқилона ва эҳтиромона ба табиат кӯмак расонанд.

**Боби дуюми диссертатсияи** Яҳёзода Ғолиб Яҳё **«Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони 6-7 сола»** номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки экология имрӯз як системаи васеи илмҳои гуногунро ифода мекунад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи таълими экологӣ робитаи ногусастании он бо таҷрибаи воқеии ҳаёти кӯдакон дар робита бо муҳити иҷтимоию табиии онҳо мебошад. Яке аз шароитҳои муҳими педагогии ташаккули фарҳанги экологии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаи таълимӣ мавҷудияти муҳити инкишофёбандаи субъектӣ-фазоӣ мебошад, ки ба фаъолгардонии фаъолияти маърифатии кӯдакон, рушди экологӣ ва эстетикӣ, беҳбудии саломатии кӯдак, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, ғанӣ гардонидани таҷриба дар табиат дар фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад.

Шароити педагогии навбатии муҳим - ин тарбияи экологии падару модар ва мураббия мебошад. Ҷалби волидон ба фаъолиятҳои экологӣ бо фарзандонашон ба тағйири ҷаҳонбинии ҳам волидон ва ҳам кӯдакон мусоидат мекунад. Таваҷҷуҳи доимии мураббия ба кушоиши робитаҳои муҳити зист таваҷҷӯҳи кӯдаконро ба фаъолиятҳои экологӣ ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Дар навбати худ, омӯхтани робитаҳои экологӣ боиси баланд шудани маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ ва ташаккули муносибати масъулиятнок ба табиат мегардад.

Бояд зикр кард, ки муҳимтарин хусусияти таълим ва таҳсилоти фарогир дар он аст, ки калонсолон дар кӯдакистон ва оила ба дастовардҳои мусбати кӯдак такя намуда, шавқу рағбат ва имконияту тавоноии ӯро инкишоф медиҳанд. Дар навбати худ ин амал имконият медиҳад, кӯдак ба қувваю имконияти худ бовар намуда, барои минбаъд такмил додани сифатҳои шахсӣ, маҳорату малакаи азхудкунии донишу маълумот кӯшишу ғайрат намояд.

Диссертант қайд мекунад, ки барои васеъ намудани фаҳмиши кӯдакон дар бораи ҳодисаҳо ва ашёҳои табиат дар баробари мушоҳидаҳо бозиҳои гуногун – дидактикӣ, фаъол ва эҷодӣ васеъ истифода мешаванд. Тавассути ин бозиҳо кӯдакон таҷриба пайдо мекунанд ва донишҳои гирифтаи худро эҷодкорона татбиқ мекунанд. Дар бозиҳои таълимӣ кӯдакон фаҳмиши мавҷудаи худро дар бораи ашё ва падидаҳои табиӣ, наботот ва ҳайвонот такмил, мустаҳкам ва васеъ

мекунанд. Намудҳои бозӣ, машқҳои таълимӣ ва бозӣ-машғулиятҳо дар саҳифаҳои 75-91 рисолаи илмӣ оварда шудаанд.

**Дар боби сеюм "Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон"** хусусиятҳои ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаҳои томактабӣ баррасӣ шудааст. Барои ноил гардидан ба мақсад «Амсилаи ташаккули маърифати экологӣ» мураттаб гардид, ки шароитҳои донистагирии хусусиятҳои табиати Тоҷикистонро таъмин месозад. Амсилаи мазкур аз ҷузъҳои - таъмини муҳити ашёӣ- рушддиҳанда (ташкили гӯшаҳои экологӣ дар гурӯҳ, дастрасии кӯдакон ба мавoди табиат, имконияти донистагирии хусусиятҳои табиат); рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ (инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър) ва рушди муошират ва эҷодкорӣ (ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология (дар шакли хондани асарҳои бадеӣ, суҳбат, нақл, бозӣ, расмкашӣ) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон иборат мебошад, ки дар қисми озмоишии рисолаи илмӣ мавриди истифода қарор ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки дар қисмати озмоишӣ баррасӣ ва таҳлили адабиёти илмию методии вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки доираи масъалаҳои ҳалталаброр муайян намуда, вазифаҳоро мушаххасро дар назди худ гузорад. Таҳқиқотро дар муассисаҳои таълимии томактабии №67, №45-и шаҳри Душанбе, №8-и шаҳри Ваҳдат аз сентябри соли 2021 то июни соли 2024 баргузор намудааст.

Мақсади марҳилаи дуюми озмоиши педагогӣ - озмоиши ташаккулдиҳанда мебошад, ки дар рафти он роҳу усулҳои самараноки фаъолияти маърифатӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши экологии кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ интихоб ва мавриди санҷиш қарор ёфтанд.

Махсусан рафти марҳилаи сеюми таҷриба - озмоиши асосиро қайд кардан лозим аст, ки бо мақсади интихоби намудҳои самараноки фаъолияти маърифатӣ оид ба баланд бардоштани маърифати экологии кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ барномаи кории ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» барои давраи соли хониш таҳия гардида, 36 мавзуъро дар бар мегирад, баргузор намудааст. (саҳ.147- 151)

Диссертант қайд мекунад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ нишон доданд, ки маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ҷалб намудани кӯдакон ба

фаъолиятҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ташаккули донишу маърифати экологии онҳо хеле самаранок буд.

Дар фарҷоми рисола "Хулосаи умумӣ" оварда шудааст. Мухтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Муқарраротн асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар 4 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маорифи Россия тавсияшаванда шомилбуда, 6 мақола дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

**5.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Хулоса, он мақсад ва нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, дар диссертатсия ба таври пурра, батафсил инъикос ёфта, диссертатсия таҳқиқоти баанҷомрасида ба ҳисоб меравад.

Дар баробари баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам самараноктар мешуд, агар муаллиф бархе аз паҳлӯҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро аз натиҷаи кор бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муфассалтар пешниҳод менамуд.
2. Агар дар диссертатсия шароитҳои мусоид ба ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони 5-7 сола тавассути амалҳои муштараки маърифатӣ барои ҳифзи муҳити зист бештар таваҷҷуҳ карда мешуд, аҳамияти амалии рисола бо ҳам баландтар мегардид.
3. Дар марҳилаҳои озмоиши педагогӣ қисмати таҳлили натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда истифодаи баъзе нишондиҳандаҳои омории иловагӣ метавонист эътимоднокии натиҷаҳоро боз ҳам тақвият бахшад.

4. Дар баъзе саҳифаҳои рисолаи илмӣ ва фишурдаи он хатоҳои имлоӣ ва техникӣ дучор меоянд, киислоҳи онҳо сифати корро беҳтар мегардонад.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34, ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ доктори фалсафа (PhD)аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва
табиӣ-риёзии Академияи сайёҳии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Акрамова Моҳрухсор Ҳамидҷоновна

Нишонӣ: 734055 шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Академияи сайёҳӣ.
**Тел.:** (+992) 009091126)
**E-mail**: mohakramova@mail.ru

12.06.2026 с.

Имзои н.и.п., дотсент Акрамова М.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

12.06.2026 с.